Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-И назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло ба омӯзиши яке аз мавзуҳои мубрам «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» бахшида шудааст.

Таҳқиқоти илмии мазкур, аз як тараф, барои муайян намудани муҳиммияти шуури ҳуқуқии касбӣ барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бахшида шуда, аз тарафи дигар, барои муайян намудани роҳҳои ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Таҳқиқи мавзуи мазкур дар шароити устуворгардонии пояҳои давлати ҳуқуқбунёд ва амалигардонии раванди ислоҳоти милитсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғ.Н. аз муқаддима, ду боб, шаш зербаб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳои истифодашуда иборат мебошад. Сохтори диссертатсия мантиқӣ ва ифодакунандаи мазмуни мавзуи мазкур мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ, объект, предмет, мақсаду вазифаҳое, ки муаллиф барои ҳалли онҳо дар кори диссертатсия гузоштааст, равшан нишон дода шудааст. Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо дарназардошти оморҳои расмӣ ва назарсанҷии анҷомдодашудаи муаллиф дар байни шаҳрвандон ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба таври зарурӣ асоснок гардидааст. Ҳамзамон дар муқаддима он хулосаҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқот пешниҳод гаридааст ба таври мушаххас зикр гардидааст.

Яке аз бартариятҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат мебошад, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқот аз усулҳои муқоисавӣ ва

пурсиши сотсиологӣ васеъ истифода намудааст. Бахусус назарсанҷӣ дар байни сокинони шаҳри Душанбе, ВМКБ, Суғд, Хатлон оид ба сатҳи дониши ҳуқуқӣ, маҳорату малакаи касбӣ ва сатҳи донишҳои ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст.

Инчунин, аз мазмуни авторефератӣ тақризшаванда бармеояд, ки муаллиф аз муқарраротӣ санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлатҳои ИДМ, инчунин баъзе давлатҳои хориҷии дуру наздик ва санадҳои меъёрии идоравӣ васеъ истифода намудааст.

Муаллиф таъкид мекунад, ки раванди ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯлонӣ буда, аз давраи таҳсил оғоз гардида ва дар раванди фаъолияти амалӣ идома меёбад. Ҳамзамон, муаллифи рисола иброз менамояд, ки раванди ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳу сифати тайёркунии кадрҳо, раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, сиёсати кадрӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос ва дигар омилҳо алоқаманд мебошанд.

Навоварии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он аст, ки муаллиф таҳқиқи мукаммали муқоисавии проблемаҳои муосири назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар самти ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро мавриди таҳқиқӣ илмӣ қарор додааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғ.Н. бо забони адабӣ навишта шудааст. Хулосаҳои мантиқӣ вобаста ба ҳар як боб ва зербоби диссертатсия пешниҳод гардидааст.

Дар баробари натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳамзамон дар кори мазкур баъзе камбудӣ низ ҷой дорад, аз ҷумла:

Дар автореферат муаллиф оид ба сабабҳои мавҷудияти нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ибрози андеша намудааст (саҳ. 24). Аммо дар матни автореферат кадом сабабҳои таъсиррасон ба пайдоиши нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ нуқтаҳои назари муаллиф дида намешавад. Аз ин рӯ, шунидани андешаи муаллиф мувофиқи мақсад мебошад.

Эроди мазкур ба баҳои мусбати таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло таъсири манфӣ намерасонад.

Метавон хулоса намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва

давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Сарходими илмии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент А.Р. Нематов

Имзои Нематов А.Р.-ро тасдиқ мекунам
Нозири калони шуъбаи кадрҳо__________ Б.А. Абдураҳмонзода

«23»__10______ 2024 с.

**Суроғаи мукарриз:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33,
Телефон: +992 93 112 11 88
E-mail: anematov@rambler.ru